«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
академик Хушвахтзода Қ.Х. ___________
«15» ___________ соли 2026

# ПРОТОКОЛИ №1

ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

аз 13 январи 2026 с. ш. Душанбе

**Раискунанда: д.и.ҳ., профессор Ибрҳимов С.И.**

**Котиб: Саидзода М.Ё.**

**Иштирок карданд:** д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б., д.и.ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ., д.и.ҳ., Зоир Ҷ.М., д.и.ҳ., Қодирзода Т.Қ., н.и.ҳ., Имомов А.И., (ҳамчунон иштирок доштанд: мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., устодони ҳамин кафедра н.и.ҳ., (ихтисоси 5.5.12) профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ. (ихтисоси 5.5.12) дотсент Қодирзода Д.С., н.и.ҳ., (ихтисоси 5.5.12) дотсент Аҳмадзода М. С.).

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Роҳбарии илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин баромад намуда, зикр карданд, ки Имрӯз экстремизм ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба як таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфтаанд, ки на танҳо амнияти кишвар, балки суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ ва ҳатто сатҳи байналмилалиро зери хатар мегузорад. Ҷиноятҳои экстремистӣ шаклҳои гуногун доранд: аз таблиғоти радикалӣ ва ташкили ташкилотҳои мамнӯъ то даъват ба амалиёти зӯрӣ ва таҳдид ба ҳаёти шаҳрвандон. Ҳар як ҳолати чунин ҷиноят на танҳо қонуншиканӣ, балки озмуни қобилияти ҷомеа барои нигоҳ доштани тартибот ва арзишҳои демократӣ мебошад.

Усули тафтиши ин гуна ҷиноятҳо бояд самаранок бошад. Муҳим аст, ки тафтишгарон асосан ба фаҳмиши хусусиятҳои экстремизм такя кунанд ва роҳҳои муосир барои ошкор кардани шабакаҳои радикалиро истифода баранд. Дар ин замина, истифодаи маълумоти иттилоотӣ, мониторинги шабакаҳои интернетӣ ва алоқаҳои электронӣ, таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкории мустақим бо шаҳодатдиҳандагон муҳим аст. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки нақшаҳо ва роҳҳои амалҳои ҷиноятконаи экстремистон пеш аз он ки ба амал дароянд, ошкор ва пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамзамон, тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ танҳо кори мақомоти қудратӣ нест. Ҷомеа ва шаҳрвандон бояд дар ҷустуҷӯ ва пешгирӣ фаъолона ширкат кунанд. Ҳамкории кормандони тафтишот бо муассисаҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ қобилияти ошкорсозии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро хеле зиёд мекунад. Бо истифодаи технологияҳои муосир, таҳлили рақамӣ ва корҳои пешгирӣ, мо метавонем шабакаҳои радикалиро барҳам диҳем ва хатари зуҳури шаклҳои навро кам кунем.

Дар ҳамин ҳол, ҳифзи ҳуқуқ ва шаъну номуси шаҳрвандон бояд ҳамеша ҳамчун принсипи асосӣ дар кори тафтишӣ ҳифз карда шавад. Қонунмандӣ, шаффофият ва масъулияти ҷамъиятӣ меъёрҳои асосии кори муассир мебошанд.Хулоса, тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як вазифаи муштарак аст, ки на танҳо дониш ва малакаи тафтишгаронро,

балки ҳушёрӣ ва ҳамкории тамоми ҷомеаро талаб мекунад. Бо истифодаи усулҳои нав, ҳамкорӣ ва таҳлили стратегӣ, мо метавонем сатҳи амниятро дар ҷомеа баланд бардорем ва бо таҳдидҳои радикалӣ самаранок муқовимат намоем.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун санадҳои тасдиққунандаи татбиқи илмӣ истифода шаванд. Аҳаммияти назариявӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифода шаванд, инчунин барои таҳияи барномаҳо ва санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти экстремистҳоро танзим мекунанд ва паҳншавии ғояҳои онҳоро пешгирӣ менамоянд, асоси методологӣ таъмин менамоянд. Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтишоти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба тафтиш ва пешгирии чунин ҷиноятҳо машғуланд, истифода шаванд. Ин таҳқиқот инчунин метавонад дар рафти таълим дар муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои экспертизаи судӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси тахассусӣ, инчунин дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳа ва хизматчиёни давлатӣ, бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, педагогҳо ва равоншиносон мавриди амал қарор гирад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., д.и.ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., ва н.и.ҳ., дотсент Аҳмадҳода М.С., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров Аваз Қувватович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта,

таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раискунандаи ҷаласа д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., Қодирзода Т.Қ., ва н.и.ҳ. дотсент Имомов А.И. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 7 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Муслихиддинзода Муснуриддин Муслихиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ санаи 13 январи соли 2026 таҳти рақами №1 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**Сарходими илмии**
**шуъбаи ҳуқуқи давлатии**
**Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ**
**д.и.ҳ., профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби ҷаласа:** **Саидзода М.Ё.**

**Имзоҳои Иброҳимов С.И. ва Саидзода М.Ё.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Раёсати АМИТ** **Акрамов Т.С.**
**«15» январи 2026 с.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33. АМИТ
Тел.: +992(37)221-87-64, факс: +992(37)221-71-00
Почтаи электронӣ: info@anrt.tj, сомонаи интернетӣ:www.amit.tj